# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи: «Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (ш. Душанбе, 2026 сол)**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ» аз рӯйи мазмун, ҳадаф, вазифаҳо ва доираи масъалаҳои таҳқиқшаванда ба шиносномаи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқат менамояд. Мавзуи мазкур ба масъалаҳои бунёдии назарияи ҳуқуқ, таърихи ташаккули институтҳои ҳуқуқӣ, мақоми ҳуқуқии шахс, вазифаҳои конститутсионӣ, муносибати давлат ва шаҳрванд дар соҳаи мудофиа, инчунин таҳаввули таълимот ва таҷрибаи ҳуқуқӣ дар масъалаи уҳдадории ҳарбӣ иртиботи бевосита дорад.

Дар диссертатсия уҳдадории ҳарбӣ ҳамчун падидаи мураккаби ҳуқуқӣ, таърихӣ ва иҷтимоӣ таҳлил гардида, робитаи он бо ҳифзи Ватан, таъмини амнияти миллӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, қонунгузории ҳарбӣ ва таҷрибаи таърихии давлатдорӣ нишон дода шудааст. Чунин доираи таҳқиқ ба самти илмии назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат мувофиқ буда, асоснок менамояд, ки рисола маҳз дар доираи ихтисоси номбаршуда пешниҳод гардидааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мубрамии мавзуи таҳқиқот аз он бармеояд, ки уҳдадории ҳарбӣ дар низоми ҳуқуқии ҳар як давлати соҳибихтиёр яке аз воситаҳои муҳимми таъмини амният, ҳифзи истиқлолият ва нигоҳдории тамомияти арзӣ ба ҳисоб меравад. Дар шароити муосир, ки вазъи геосиёсӣ

пайваста тағйир ёфта, таҳдидҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ ба амнияти давлатҳо афзоиш меёбанд, масъалаи ташкили низоми ҳуқуқии самараноки уҳдадории ҳарбӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки пас аз соҳибистиқлолӣ низоми мудофиавӣ ва Қувваҳои Мусаллаҳи худро амалан аз марҳилаи нав ташкил намуд, таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ аҳаммияти хос дорад. Ин институт на танҳо ба ташкил ва фаъолияти соҳаи мудофиа дахл дорад, балки бо мақоми ҳуқуқии шаҳрванд, ҳисси масъулиятшиносӣ, тарбияи ватандӯстӣ, муносибати шахс бо давлат ва ҳудуди маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳо ба хотири таъмини амният алоқаманд мебошад.

Дар қонунгузории амалкунанда масъалаҳои уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ солҳои охир тағйироту такмилоти ҷиддиро аз сар гузаронидаанд. Ҷорӣ гардидани шаклҳои нави иҷрои уҳдадории ҳарбӣ, ба монанди хизмат дар ҳайати захираҳои даъвати сафарбарӣ, масъалаҳои бақайдгирии ҳарбӣ, муоинаи тиббӣ, тартиби даъват, кафолатҳои ҳуқуқии даъватшавандагон ва хизматчиёни ҳарбӣ таҳлили илмӣ ва баҳодиҳии назариявиро талаб менамоянд.

Мубрамияти мавзуъ инчунин бо он асоснок мегардад, ки дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ уҳдадории ҳарбӣ то имрӯз бештар дар доираи таҳқиқоти ҷудогонаи соҳаҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, маъмурӣ ё ҳарбӣ баррасӣ гардида, ҳамчун объекти мустақили таҳқиқоти монографӣ ба таври зарурӣ омӯхта нашудааст. Ҳол он ки уҳдадории ҳарбӣ дорои хусусияти байнисоҳавӣ буда, ҷанбаҳои назариявӣ, таърихӣ, конститутсионӣ, байналмилалӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоиро дар худ муттаҳид мекунад.

Дар ҳамин замина, таҳқиқоти Муминзода М.Н. саривақтӣ ва муҳим арзёбӣ мегардад, зеро он ба муайян намудани табиати ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ, дақиқ намудани мафҳумҳои асосӣ, таҳлили таърихии ин институт,

муқоисаи таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ва пешниҳоди роҳҳои такмили қонунгузории миллӣ равона шудааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии диссертатсия, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки уҳдадории ҳарбӣ дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ҳамчун объекти мустақили таҳқиқоти монографӣ мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки ин институтро на танҳо ҳамчун маҷмуи меъёрҳои соҳавии қонунгузории ҳарбӣ, балки ҳамчун падидаи назариявӣ-ҳуқуқӣ ва таърихӣ таҳлил намояд.

Дар рисола уҳдадории ҳарбӣ бо дигар вазифаҳои конститутсионии шаҳрванд муқоиса гардида, ҷойгоҳи он дар низоми ҳуқуқу озодиҳо ва уҳдадориҳои шахс муайян карда шудааст. Ин масъала барои назарияи мақоми ҳуқуқии шахс аҳаммияти муҳим дорад, зеро уҳдадории ҳарбӣ ҳамзамон бо ҳуқуқҳои шахсӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии инсон робитаи мураккаб дошта, иҷрои он метавонад ба баъзе маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ оварда расонад.

Навгонии дигари таҳқиқот дар таҳлили таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ зоҳир мегардад. Муаллиф масъалаи мазкурро аз давраҳои қадим, анъанаҳои зардуштӣ ва исломӣ, давлатдориҳои миллӣ, давраи шӯравӣ ва марҳилаи соҳибистиқлолии Тоҷикистон баррасӣ намуда, нишон медиҳад, ки иҷрои вазифаи мудофиавӣ дар ҳар давра вобаста ба сохтори иҷтимоӣ, арзишҳои динӣ, сиёсати давлатӣ ва шароити таърихӣ шаклҳои гуногун касб кардааст.

Дар диссертатсия ҳамчунин таҷрибаи як қатор давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла Исроил, Сингапур, Гурҷистон, ИМА ва дигар кишварҳо дар масъалаи танзими уҳдадории ҳарбӣ мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор гирифтааст. Чунин муносибат ба муаллиф имкон додааст, ки хусусиятҳои умумӣ ва фарққунандаи моделҳои гуногуни иҷрои уҳдадории ҳарбиро

муайян намуда, баъзе ҷанбаҳои қобили истифодаи онҳоро барои Тоҷикистон нишон диҳад.

Ба ҳимоя нуктаҳои илмие пешниҳод гардидаанд, ки ба таҳияи модели назариявӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ, муайян намудани ҷойгоҳи он дар низоми ҳуқуқу озодиҳои конститутсионӣ, таҳлили таърихии ташаккул ва рушди ин институт, арзёбии танзими ҳуқуқии миллӣ ва хориҷӣ, инчунин нақши ватандӯстӣ дар иҷрои уҳдадории ҳарбӣ дахл доранд. Нуктаҳои мазкур бо мазмуни диссертатсия робитаи мантиқӣ дошта, аз натиҷаҳои таҳқиқот бармеоянд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳои диссертатсия бо истифодаи доираи васеи сарчашмаҳои назариявӣ, таърихӣ, ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ таъмин гардидааст. Муаллиф дар таҳқиқот ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои соҳавӣ дар бораи мудофиа, уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ, амният, тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, инчунин ба санадҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон ва қонунгузории давлатҳои хориҷӣ такя намудааст.

Дар ҷараёни таҳқиқот усулҳои умумиилмӣ ва махсуси ҳуқуқӣ, аз ҷумла таҳлил, синтез, индуксия, дедуксия, усули таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таҳлилӣ-тавсифӣ ва фактологӣ-оморӣ истифода шудаанд. Истифодаи чунин маҷмуи усулҳо ба муаллиф имкон додааст, ки мавзуъро аз нуқтаи назари назариявӣ, таърихӣ ва амалӣ таҳлил намояд.

Хулосаҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда бо мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ мувофиқат дошта, аз мазмуни бобҳо ва зербобҳо бармеоянд. Пешниҳодҳои амалии муаллиф оид ба ҷорӣ намудани принсипи ногузирии уҳдадории ҳарбӣ, баланд бардоштани синни ниҳоии даъват, ташкили низоми электронии бақайдгирии ҳарбӣ, истифодаи усули интихоби тасодуфӣ ва такмили тарбияи ватандӯстӣ хусусияти амалӣ дошта,

метавонанд дар раванди такмили қонунгузорӣ ва фаъолияти мақомоти дахлдор мавриди истифода қарор гиранд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтор ва ҳаҷми диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст, ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мутобиқ буда, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 181 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи илмии масъала, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмет, доираи таърихии таҳқиқ, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, заминаи эмпирикӣ, навгонии илмӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, саҳми шахсии довталаб ва тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот ба таври мураттаб нишон дода шудаанд.

**Боби якуми диссертатсия.** Боби якум – «Принсипҳо ва асосҳои ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ ва хизмат дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба таҳлили масъалаҳои назариявӣ, мафҳумӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ бахшида шудааст. Дар ин боб муаллиф уҳдадории ҳарбиро дар робита бо мафҳумҳои ҳуқуқ, вазифа, уҳдадорӣ, масъулият, мақоми ҳуқуқии шахс ва вазифаҳои конститутсионии шаҳрванд таҳлил менамояд.

Дар зербоби якум, ки ба принсипҳои ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ ва хизмат дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, масъалаи ҳифзи Ватан ҳамчун вазифаи муқаддаси шаҳрванд мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф дуруст нишон медиҳад, ки уҳдадории ҳарбӣ на танҳо талаботи қонунгузории ҳарбӣ, балки ҷузъи мақоми конститутсионии шаҳрванд мебошад. Дар ин қисмат масъалаи таносуби мафҳумҳои «вазифа», «уҳдадорӣ» ва «масъулият» таҳлил шуда, зарурати истифодаи дақиқи истилоҳоти ҳуқуқӣ асоснок карда мешавад (саҳ. 19).

Диссертант ба таври муфассал ҷойгоҳи уҳдадории ҳарбиро дар низоми вазифаҳои конститутсионӣ таҳлил намуда, онро бо риояи Конститутсия ва қонунҳо, эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳои дигарон, ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ, пардохти андозҳо ва дигар уҳдадориҳои шаҳрванд муқоиса мекунад. Ин таҳлил барои фаҳмиши умумии мақоми ҳуқуқии шахс дар давлат аҳаммияти назариявӣ дорад.

Дар ҳамин зербоб принсипҳои уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ, аз ҷумла қонуният, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, садоқат ба Ватан ва халқи Тоҷикистон, риояи интизоми ҳарбӣ, яккасардорӣ ва вобаста набудан ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои динӣ таҳлил гардидаанд. Муаллиф нишон медиҳад, ки принсипҳои мазкур на танҳо хусусияти эъломиявӣ, балки аҳаммияти амалӣ дошта, асоси танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳаи ҳарбиро ташкил медиҳанд (саҳ. 37).

Зербоби дуюм ба ташаккули низоми ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ дар Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар ин қисмат диссертант рушди таърихии вазифаи мудофиавиро аз давраҳои пешаздавлатӣ, давлатдориҳои қадим, низоми зардуштӣ, давраи исломӣ, давлатдориҳои миллӣ, давраи шӯравӣ ва замони соҳибистиқлолӣ пайгирӣ менамояд. Чунин таҳлил нишон медиҳад, ки уҳдадории ҳарбӣ дар давраҳои гуногун вобаста ба сохтори ҷомеа,

арзишҳои динӣ, муносибатҳои сиёсӣ ва сатҳи рушди давлатдорӣ шаклҳои мухталиф доштааст.

Муаллиф ба масъалаҳои зархаридӣ, иҷрои уҳдадории динӣ, муборизаҳои озодихоҳӣ, таҷрибаи давлатҳои Сомониён, Саффориён ва дигар давлатдориҳои таърихӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, нишон медиҳад, ки дар давраи ташкили аввалин давлатҳои миллии тоҷикон: Тоҳириён, Сафориён, Сомониён ва Ғуриён институти уҳдадори ҳарбӣ ривоҷ ёфта буд. Дар ин давраи таърихӣ аз ҷониби ду сулолаи аввали тоҷикон шакли ташкили лашкар ба воситаи ғозиён ба вуҷуд омад ва он дар давраи Сомониён аз дастаҳои хурд ба шакли муқтадири ташкили лашкар табдил ёфт (саҳ. 49).

Ҳамзамон, дар ин қисмат таъсири давраи шӯравӣ ва ташаккули Артиши миллии Тоҷикистон дар давраи соҳибистиқлолӣ таҳлил мегардад (саҳ. 59-60).

Зербоби сеюми боби якум ба ҳуқуқу озодиҳои инсон дар заминаи уҳдадории ҳарбӣ ва таъмини амният аз дидгоҳи ҳуқуқи байналмилалӣ бахшида шудааст. Дар ин қисмат масъалаи таносуби амният ва ҳуқуқи инсон, асосҳои маҳдудсозии ҳуқуқҳо, ҳуқуқи рад кардани хизмати ҳарбӣ бо сабабҳои виҷдонӣ, ҳифзи кӯдакон дар муноқишаҳои мусаллаҳона ва стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон таҳлил шудаанд. Ин зербоб аз он ҷиҳат муҳим аст, ки уҳдадории ҳарбиро на танҳо аз нуқтаи назари манфиатҳои давлат, балки дар робита бо кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон баррасӣ менамояд.

**Боби дуюми диссертатсия.** Боби дуюм – «Ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва амалии уҳдадории ҳарбӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба таҳлили танзими ҳуқуқии амалкунандаи уҳдадории ҳарбӣ, тартиби даъват, бақайдгирии ҳарбӣ, омодасозӣ ба хизмати ҳарбӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон дар ин раванд бахшида шудааст. Ин боб хусусияти бештар амалӣ дошта,

натиҷаҳои назариявии боби якумро ба механизми ҳуқуқтатбиққунӣ пайваст менамояд.

Дар зербоби якум масъалаи уҳдадории ҳарбӣ дар Тоҷикистон аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ва амалӣ таҳлил гардидааст. Муаллиф бо такя ба қонунгузории амалкунанда нишон медиҳад, ки уҳдадории ҳарбӣ аз унсурҳои асосӣ, аз ҷумла қайди ҳарбӣ, омодасозӣ ба хизмати ҳарбӣ, даъват ба хизмати ҳарбӣ, адои хизмати ҳарбӣ, дар эҳтиёт будан ва даъват ба ҷамъомадҳои ҳарбӣ ва махсус иборат мебошад (саҳ. 77).

Диссертант ба бақайдгирии ҳарбӣ ҳамчун механизми муҳимми муайян намудани захираҳои даъватӣ ва таъмини эҳтиёҷоти Қувваҳои Мусаллаҳ диққати махсус медиҳад. Дар ин замина, мақсад ва вазифаҳои қайди ҳарбӣ, намудҳои қайди ҳарбӣ, ҳуҷҷатҳои бақайдгирии ҳарбӣ, уҳдадориҳои шаҳрвандон ва мақомоти дахлдор таҳлил карда шудаанд. Муаллиф дуруст таъкид мекунад, ки бе низоми дурусти бақайдгирӣ таъмин намудани шаффофият, адолат ва самаранокии даъват душвор мебошад.

Дар боб масъалаи синни даъват низ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки муқаррар намудани синни аз 18 то 27-солагӣ барои даъват ба хизмати ҳарбӣ дар амал баъзе мушкилот ба миён меорад, зеро қисме аз шаҳрвандон метавонанд аз номукаммалии расмиёт истифода бурда, то расидан ба синни ниҳоӣ аз даъват саркашӣ намоянд. Аз ин рӯ, пешниҳоди муаллиф оид ба баррасии масъалаи баланд бардоштани синни ниҳоии даъват аз ҷиҳати амалӣ баҳсталаб, вале қобили таваҷҷуҳ мебошад (саҳ. 83).

Ҷиҳати муҳимми зербоби мазкур таҳлили муоинаи тиббӣ ва фаъолияти комиссияҳои даъватӣ мебошад. Муаллиф ба масъалаҳои марбут ба шаффофияти муоина, имконияти ҷой доштани омилҳои коррупсионӣ, зарурати ротатсияи ҳайати комиссияҳо ва такмили расмиёти маъмурии шикоятбарорӣ ишора менамояд. Ин масъалаҳо барои ҳифзи ҳуқуқҳои

даъватшавандагон ва баланд бардоштани эътимоди шаҳрвандон ба низоми даъват аҳаммияти амалӣ доранд.

Зербоби дуюм ба ҳуқуқҳои инсон дар соҳаи уҳдадории ҳарбӣ ва татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар ин қисмат мақоми махсуси хизматчии ҳарбӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои ӯ, маҳдудиятҳои муайяни ҳуқуқӣ вобаста ба хизмати ҳарбӣ, кафолатҳои иҷтимоӣ ва масъалаҳои интизоми ҳарбӣ таҳлил шудаанд. Муаллиф нишон медиҳад, ки дар соҳаи хизмати ҳарбӣ шаҳрвандон дар ҶТ ҳам уҳдадориҳо ва ҳам ҳуқуқҳое доранд, ки тибқи қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки уҳдадориҳои ҳарбиро танзим мекунанд, пешбинӣ шудаанд.

Қайд мегардад, ки уҳдадориҳо ва ҳуқуқҳои мушаххаси шаҳрвандон дар соҳаи хизмати ҳарбӣ вобаста ба рутба, вазифа ва қонуну қоидаҳои татбиқшаванда фарқ мекунанд (саҳ. 98).

Дар ин зербоб оинномаҳои ҳарбӣ ҳамчун сарчашмаи муҳимми танзими муносибатҳои дохилии ҳарбӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф ба нақши интизоми ҳарбӣ, яккасардорӣ, тартиби пешниҳоди шикоят ва ҳимояи ҳуқуқҳои хизматчиёни ҳарбӣ диққат медиҳад. Ин таҳлил имкон медиҳад, ки уҳдадории ҳарбӣ ҳамчун раванди танҳо даъват ва хизмат не, балки ҳамчун низоми мураккаби муносибатҳои ҳуқуқӣ дар дохили ташкилоти ҳарбӣ арзёбӣ гардад.

**Боби сеюми диссертатсия.** Боби сеюм – «Таҳлили муқоисавии уҳдадориҳои низомӣ ва нақши ватандӯстӣ дар иҷрои уҳдадории ҳарбӣ» ба таҳлили таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ва аҳаммияти ватандӯстӣ дар иҷрои уҳдадории ҳарбӣ бахшида шудааст. Ин боб хусусияти ҷамъбастӣ дошта, масъалаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқро бо ҷанбаҳои муқоисавӣ ва арзишӣ пайваст менамояд.

Дар зербоби якум таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар самти танзими уҳдадории ҳарбӣ таҳлил карда шудааст. Муаллиф барои муқоиса давлатҳои

Исроил, Сингапур, Гурҷистон, ИМА ва баъзе кишварҳои дигарро интихоб намуда, кӯшиш менамояд нишон диҳад, ки низоми уҳдадории ҳарбӣ дар ҳар давлат вобаста ба вазъи геосиёсӣ, шумораи аҳолӣ, таҷрибаи таърихӣ, сохтори иқтисодӣ ва сатҳи таҳдидҳои амниятӣ шакл мегирад.

Таҳлили таҷрибаи Исроил аз он ҷиҳат муҳим аст, ки ин давлат дар шароити таҳдидҳои доимии амниятӣ низоми махсуси хизмат ва омодагии ҳарбиро ташаккул додааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки дар Исроил артиш на танҳо ниҳоди ҳарбӣ, балки муассисаи муҳимми иҷтимоӣ буда, дар ташаккули робитаҳои ҷамъиятӣ, интизом, малакаҳои касбӣ ва ҳисси масъулияти шаҳрвандӣ нақши калон дорад (саҳ. 123-124).

Таҷрибаи Сингапур низ аз ҷониби муаллиф ҳамчун намунаи давлати хурде баррасӣ мешавад, ки дар шароити маҳдудияти захираҳои инсонӣ ва таҳдидҳои эҳтимолии минтақавӣ тавонистааст низоми самараноки мудофиавӣ ва хизматро ташкил намояд. Муаллиф монандии баъзе шароити таърихии ташаккули давлатдории Сингапур ва Тоҷикистонро нишон дода, имкони истифодаи баъзе ҷанбаҳои таҷрибаи онро барои такмили низоми миллии уҳдадории ҳарбӣ баррасӣ мекунад (саҳ. 126).

Дар таҳлили таҷрибаи Гурҷистон баислоҳоти ҳарбӣ, масъалаи тағйирёбии қонунгузорӣ, афзоиши буҷети мудофиа, имкони ба таъхир андохтани хизмат бо пардохти маблағ ва ҷалби шаҳрвандони хориҷӣ таваҷҷуҳ дода шудааст. Чунин таҳлил барои муайян намудани роҳҳои эҳтимолии ислоҳоти ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон аҳаммияти муқоисавӣ дорад, ҳарчанд истифодаи таҷрибаи хориҷӣ бояд бо эҳтиёткорӣ ва мутобиқ ба шароити миллӣ сурат гирад.

Зербоби дуюм ба мафҳуми ватандӯстӣ ва нақши он дар иҷрои уҳдадории ҳарбӣ бахшида шудааст. Муаллиф ватандӯстиро ҳамчун арзиши ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқӣ баррасӣ намуда, онро бо худшиносии миллӣ,

масъулияти шаҳрвандӣ, садоқат ба Ватан ва омодагии шахс ба иҷрои вазифаҳои конститутсионӣ пайваст менамояд.

Дар ин қисмат таъкид мегардад, ки иҷрои уҳдадории ҳарбӣ танҳо бо маҷбурияти ҳуқуқӣ таъмин карда намешавад. Самаранокии он ба сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, тарбияи ватандӯстӣ, эътимоди шаҳрвандон ба давлат ва муносибати мусбати ҷомеа ба хизмати ҳарбӣ вобаста мебошад. Муаллиф дуруст нишон медиҳад, ки дар ҳаёти осоишта вазифаи ҳарбӣ ҳар як сарбозро вазифадор мекунад, ки масъулияти шахсии худро барои ҳимояи Ватан амиқ дарк намояд, азхудкунии аслиҳа ва техникаи ҳарбии ба боавриашон супурдашуда, пайваста такмил додани сифатҳои маънавӣ, ҷангӣ ва равонии онҳо, муташаккилӣ ва интизоми баландро талаб мекунад. Ватандӯстӣ ва садоқат ба вазифаи ҳарбӣ дар дарки амиқи ҳар як хизматчии ҳарбӣ масъулияти шахсӣ барои ҳифзи Ватан ва зарурати софдилона ва иҷро намудани вазифаи хизматии худро зоҳир менамояд (саҳ. 136).

Дар маҷмуъ, боби сеюм натиҷаҳои таҳқикро аз нуқтаи назари муқоисавӣ ва арзишӣ ҷамъбаст намуда, нишон медиҳад, ки низоми уҳдадории ҳарбӣ наметавонад танҳо бо меъёрҳои ҳуқуқӣ маҳдуд гардад. Он бояд бо сиёсати давлатӣ, тарбияи шаҳрвандӣ, омодагии ҷавонон, шаффофияти даъват ва эътимоди ҷомеа ба адолати низоми ҳарбӣ ҳамоҳанг бошад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои диссертатсия аз ҷиҳати илмӣ барои тавсеаи фаҳмиши назариявии уҳдадориҳои конститутсионӣ, мақоми ҳуқуқии шаҳрванд ва табиати ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ аҳаммият доранд. Хулосаҳои муаллиф метавонанд дар таҳқиқоти минбаъдаи соҳаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, таърихи ҳуқуқ, ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи ҳарбӣ истифода шаванд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки пешниҳодҳои диссертант барои такмили қонунгузории марбут ба уҳдадории ҳарбӣ, беҳтар намудани тартиби бақайдгирӣ, фаъолияти комиссияҳои даъватӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои даъватшавандагон қобили истифода мебошанд.

Аз ҷиҳати иқтисодӣ, натиҷаҳои кор ба истифодаи самараноки захираҳои инсонӣ, кам намудани хароҷоти идорӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои электронӣ дар низоми бақайдгирии ҳарбӣ равона шудаанд. Аҳаммияти иҷтимоии таҳқиқот бошад, бо тақвияти ҳисси ватандӯстӣ, масъулияти шаҳрвандӣ, эътимод ба қонунияти даъват ва баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон алоқаманд аст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 16 мақолаи илмии муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 7 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Мақолаҳои нашршуда масъалаҳои асосии рисола, аз ҷумла моделҳои ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ, мафҳуми уҳдадории ҳарбӣ, принсипҳои уҳдадории ҳарбӣ, асосҳои ҳуқуқии тарбияи ватандӯстӣ, интихоби тасодуфии даъватшавандагон ва ташаккули уҳдадории ҳарбӣ дар асрҳои миёнаро фаро мегиранд.

Шумораи маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мебошад.

Диссертатсия натиҷаи фаъолияти мустақилонаи илмии муаллиф буда, бо пайдарпайии мантиқӣ ва ягонагии мазмунӣ таҳия гардидааст. Навгонии илмӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда, хулоса ва тавсияҳои амалии диссертант, инчунин интишороти илмӣ ва иштирок дар конференсияҳои илмӣ аз саҳми шахсии ӯ дар анҷоми таҳқиқот шаҳодат медиҳанд. Ҳамзамон, тарзи масъалагузорӣ, усули таҳлил ва сабки баёни маводи илмӣ мустақилияти таҳқиқотии муаллифро тасдиқ менамоянд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додни дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистн аз 30-июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Бо вуҷуди сатҳи зарурии илмӣ** ва аҳаммияти назариявию амалии диссертатсия, дар кори мазкур баъзе камбудиҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб ҷой доранд, ки метавонанд дар ҷараёни муҳокимаи илмӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гиранд:

1. Дар нуқтаи якуми ба ҳимоя пешниҳодшаванда уҳдадории ҳарбӣ ҳамчун институти мустақили ҳуқуқӣ ва унсури низоми ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрванд тавсиф шудааст. Бо вуҷуди асоснок будани худи масъалагузорӣ, истифодаи ибораи “институти мустақили ҳуқуқи шаҳрвандӣ” то андозае баҳснок мебошад, зеро уҳдадории ҳарбӣ аз рӯйи табиати худ бештар ба ҳуқуқи конститутсионӣ, маъмурӣ ва ҳуқуқи ҳарбӣ мансуб буда, бо ҳуқуқи шаҳрвандӣ ба маънои соҳавии он робитаи мустақим надорад. Ҳамчунин, дар ин нуқта меъёрҳои мушаххаси эътирофи уҳдадории ҳарбӣ ҳамчун институти мустақил, аз ҷумла предмети танзим, доираи субъектҳо, усули таъсири ҳуқуқӣ, кафолатҳои татбиқ ва масъулият барои иҷро накардани он, ба таври кофӣ равшан нишон дода нашудаанд. Аз ин

рӯ, мавкеи мазкур ба дақиқсозии иловагии мафҳумӣ ва методологӣ ниёз дорад.

2. Дар нуқтаи дуюми ба ҳимоя пешниҳодшаванда таҳлили муқоисавии танзими ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ ҳамчун натиҷаи муҳимми илмӣ арзёбӣ шудааст. Бо вуҷуди ин, дар ин нуқта меъёрҳои интихоби кишварҳои муқоисашаванда ба таври кофӣ равшан асоснок нагардидаанд. Муаллиф метавонист нишон диҳад, ки интихоби давлатҳои мушаххас бо кадом омилҳо - монандии шароити амниятӣ, таҷрибаи ислоҳоти ҳарбӣ, низоми даъват, сатҳи рушди бақайдгирии ҳарбӣ ё хусусиятҳои таърихии ташкили артиш вобаста мебошад.

3. Пешниҳод оид ба баланд бардоштани синни ниҳоии даъват аз 27 ба 30-солагӣ аҳаммияти амалӣ дорад, вале барои асоснокии пурратар он таҳлили иловагии оморӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқтатбиқӣ зарур мебошад. Чунин таҳлил имкон медод, ки таъсири эҳтимолии пешниҳод ба бозори меҳнат, таҳсилот ва вазъи иҷтимоии ҷавонон равшантар нишон дода шавад.

Камбудиҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзиши илмӣ, навгонии натиҷаҳо ва аҳаммияти назариявию амалии диссертатсия таъсири манфии ҷиддӣ намерасонанд. Онҳо метавонанд дар таҳқиқоти минбаъдаи муаллиф ва такмили минбаъдаи мавзуъ ба инобат гирифта шаванд.

**Дар маҷмуъ,** диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст, дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Муаллифи он Муминзода

Маҳмадшариф Нозим сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
муовини ректор оид ба илм ва
инноватсияи Донишкадаи омӯзгории
Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт Аламшозода Ф.А.

**Нишонии муқарриз:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ШНТҶ, н. Рашт, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин – 63.
Телефон: (+992) 999-333-160.
Почтаи электронӣ: farodil_ff@mail.ru

**Имзои Аламшозода Ф.А.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишкадаи омӯзгории
Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт Шодизода Н.М.

**Нишонии муассиса:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ШНТҶ, ноҳияи Рашт, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин – 63.
Телефон: +992313121103,
Почтаи электронӣ: dot.rasht@mail.ru
Сомонаи расмӣ: https://dotr.tj/
«21» 05 2026 с.